Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

30 июни соли 2021. Чоршанбе
№ 51 (14752)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


## Президенти Ӯзбекистон бо Президенти Туркманистон мулоқоти телефонӣ анҷом дод

***29 июн Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Сарвари давлати мо Президенти Туркманистонро бо зодрӯзаш самимона табрик намуда, ба ӯ саломатии бардавом, беҳбудӣ ва муваффақиятҳои азим, инчунин ба халқи туркман сулҳ ва шукуфоӣ таманно кард.

Зимни сӯҳбат масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои дуҷониба ва ҳамкориҳои минтақавӣ баррасӣ шуданд.

Бо қаноатмандии амиқ қайд карда шуд, ки ба шарофати робитаҳои мунтазам ва пурсамар дар сатҳи олӣ муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегии Ӯзбекистон ва Туркманистон пайваста таҳким меёбанд.

Аҳамияти идомаи саъю кӯшишҳои муштарак барои вусъат додани ҳаҷми савдои тарафайн, амиқтар кардани кооператсия дар соҳаҳои саноат, энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт ва дигар, тақвияти мубодилаи фарҳангию гуманитарӣ таъкид гардид. Нақши калидии Комиссияи байниҳукуматӣ дар пешбурди лоиҳаҳои нави ҳамкорӣ қайд гардид.

Роҳбарон ба масъалаҳои ташкили мулоқоти навбатии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ соли равон дар Туркманистон алоҳида истода гузаштанд. Дар бораи омодасозии ҳамаҷонибаи барномаи чорабинии бисёрҷонибаи дарпешистода созиш ба даст оварда шуд.

Президентҳо инчунин оид ба рӯзномаи байналмилалӣ мубодилаи афкор намуда, рушди вазъи ҳарбию сиёсӣ дар Афғонистон, аз ҷумла дар музофотҳои ҳаммарзи шимолии ин кишварро баррасӣ карданд.

Мулоқоти телефонии президентҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон дар фазои анъанавии самимона, дӯстона ва корӣ гузашт.

**ЎзА.**

*Фикри депутат*

***Дар мамлакати мо барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон, ба онҳо фароҳам овардани шароит ва имкониятҳои зарурӣ пойгоҳи мустаҳками ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст, низоми мазкур мувофиқи талаби замон такомил меёбад. Чунончи, то имрӯз аз ҷониби парлумони кишвар вобаста ба ҷавонон беш аз 40 ҳуҷҷатҳои қонунӣ қабул гардидаанд ва зиёда аз 30 ҳуҷҷатҳои байналхалқии ҳуқуқӣ ратификатсия шудаанд.***

## ҶАВОНОН – ТАКЯГОҲИ ПЕШРАФТИ КИШВАР

Ногуфта намонад, ки аввалин ҳуҷҷати қонуние, ки баъд аз Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон интихоб гардидани Шавкат Мирзиёев қабул шуд, ин Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи сиёсати давлат оид ба ҷавонон» буд. Роҳбари давлат бо назардошти он, ки алҳол Ӯзбекистон дар таърихи инсоният дорои табақаи зиёди ҷавонон ба шумор меравад, аз минбари Созмони Милали Муттаҳид қабул кардани Баённомаи СММ-ро дар бораи ҳуқуқҳои ҷавонон пешниҳод кард, ки аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ дастгирӣ гардид.

Масъалаи вобаста ба ҷавонон дар Стратегияи амалиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон тайи солҳои 2017-2021 аз ҷумлаи панҷ самти устувор мақом пайдо кард. Дар ҳуҷҷати мазкур бинобар ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон вазифаҳои устувори зерин муайян шудаанд:

– тарбия кардани ҷавонони ҷисмонан солим, рӯҳан ва маънаван пешрафта, мустақилфикр, ба Ватан содиқ, дорои нуқтаи назари қатъии ҳаётӣ, афзудани фаъолнокии иҷтимоии онҳо дар ҷараёни амиқсозии ислоҳоти демократӣ ва инкишоф додани



ҷамъияти шаҳрвандӣ;

– ба кор ҷойгир кардани хатмкардагони муассисаҳои таълими миёнаи махсус, касбӣ ва олӣ, ҳамчунин онҳоро ба соҳаи тадбиркории хусусӣ ҷалб намудан;

– дастгирӣ кардани салоҳияти эҷодӣ ва зеҳнии насли наврас ва ба ҳаёт татбиқ сохтани он, ташаккул додани тарзи солими ҳаёт дар байни наврасон ва ҷавонон, ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш васеъ ҷалб намудани онҳо.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 27 июни соли 2018 «Дар бораи Барномаи давлатии «Ҷавонон – ояндаи мо» барои беш аз пеш самарабахш кардани чораву тадбирҳои доир ба масъалаи ҷавонон ҳуҷҷати муҳим гардид. Бинобар ҳуҷҷати мазкур Бунёди «Ҷавонон – ояндаи мо» таъсис дода шуд, ки он барои ба амал татбиқ сохтани ташаббусҳои тиҷоратӣ, стартапҳо, ғоя ва лоиҳаҳои ҷавонон аз тариқи бонкҳои тиҷоратӣ ҷудо кардани вомҳои имтиёзнок ба миқдори 7 фоиз ва ба лизинг додани амволро муайян мекунад.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ҶАВОНОНИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ

***Инсон аз рӯзи таваллуд бо ҳисси муҳаббат ба Ватан ба воя расида, бо ин ҳис ба пирӣ мерасад. Дар ин муддат вай аз имкониятҳое, ки Ватан бароят фароҳам овардааст, чӣ тавр истифода мебарад ва баръакс, Ватан аз ӯ чӣ манфиате мебинад. Мо мехоҳем аз ҳамин нуқтаи назар дар бораи ислоҳоте, ки Ӯзбекистон дар ин замина амалӣ мекунад, сухан ронем.***

Ба таърихи дур намеравем, Раисҷумҳури Ӯзбекистон рӯзи 2-юми марти соли 2020 бо фармони рақами ФП-5953 Барномаи давлатиро тасдиқ кард. Барои таъмин кардани иҷрои банди 21-уми ин барнома лоиҳаи таъсис додани "Парлумони ҷавонон" дар назди Палатаи қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон, низом ва сохтори ташкилии он таҳия гардид. Ҳадафи асосӣ аз таъсис додани "Парлумони ҷавонон" дастгирӣ кардани ҷавонон, баланд бардоштани саводнокии сиёсӣ ва ҳуқуқии онҳо, ба қишри фаъоли сиёсии ҷомеа табдил додану афзудани таҷрибаашон ба ҳаёти парлумонӣ буд.

Як исботи рушди босуръати мо ин аст, ки тӯли 4 соли гузашта дар саросари кишвар 43 муассисаи таълими олӣ таъсис ёфта, миқдори умумии онҳо аз 140 адад бештар шуд. Параметрҳои қабул ба донишгоҳ ва донишкадаҳо 2,5 баробар рушд кард ва фарогирии ҷавонон дар заминаи таълими олӣ аз 9 ба 25 дарсад расид.

Бемуболиға, ҷавонон алҳол дар ҳаёти давлат ва ҷомеа хеле фаъоланд. Масалан, шумори узви Иттифоқи ҷавонон ҳоло 7 миллиону 690 ҳазор нафар аст. Агентии кор бо ҷавонон ва Бунёди "Ёшлар келажагимиз" ("Ҷавонон – ояндаи мо") ба таври мунтазам кори худро идома медиҳанд.

Бояд таъкид кард, ки дар вилоятҳои кишвар ба ҷавонон дар корҳои роҳбарии давлат имкониятҳои зиёд дода мешавад. Ҳоло беш аз 10 нафар ҷавон ҳамчун ҷонишини ҳоким фаъолият доранд.

Соли равон бо пуштибонии Созмони Милали Муттаҳид анҷумани ҷаҳонии "Таълим дар заминаи ҳуқуқи башар", дар бораи ҳуқуқи ҷавонон ва конфронсҳои минтақавӣ дар масъалаҳои озодии динӣ баргузор шуданд.

Имсол дар зиндагии ҷавонони Ӯзбекистон як қарори муҳим ҷорӣ шуд. Ҳукумат рӯзи 13 апрел дар бораи пардохт кардани хароҷоти ҷавононе, ки аз рӯйи системаҳои байналмилалии имтиҳон холи баланд мегиранд, тасмим гирифт.

Хулоса, дар 5 соли гузашта дар кишварамон беш аз 20 қонун, фармон ва қарори вобаста ба ҷавонон қабул шуд, ки онҳо исботи эътимоди ҳукумат ба ҷавонон – ба ояндаи мо мебошад.

Таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиати қонунии ҷавонон, амалӣ кардани орзуву мақсад ва нишон додани қобилияту салоҳияти онҳо аз самтҳои муҳиму устувори сиёсати давлати мо ба шумор меравад.

**Абдулло АСЛОНОВ,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ – МАСЪАЛАИ МУҲИМ

***Дар форуми байналмилалӣ, ки бо ибтикори Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҳамкорӣ бо Кумитаи иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид, 60 нафар коршиноси варзидаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гирдиҳам омаданд. Ин конфаронс аз тариқи офлайн ва онлайн ба вуқӯъ пайваст.***

Директори Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Элдор Орипов маросимро ҳусни ифтитоҳ бахшид. Вай гуфт, ки муҳокимаи амнияти иттилоотӣ дар ин даврае, ки ба сар мебарем, аз масъалаҳои басо муҳим ва мубрам маҳсуб меёбад. Зеро иқтисодиёти рақамӣ рушд менамояд, технологияҳои наву замонавӣ дар ҳаёт корбаст мешаванд.

– Мулоқоту баррасии ин мавзӯъ ҳамеша мусоидат хоҳад кард, ки аз таҳдидҳои иттилоотӣ ҷилавгирӣ намоем. Гузашта аз ин, бо истифода аз таҷрибаҳои ҳамдигар, ки тавассути коршиносони варзидаи марказҳои таҳлилгарӣ дар форум баён мегарданд, ба ҳадафҳои худ мерасем. Дар доираи коршиносони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба таври васеъ баррасӣ шудани ин масъалаи муҳим баёнгари он аст, ки ҷаҳду талош дар мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ ва бартараф намудани он вазифаи муштараки мо мебошад, – гуфт Элдор Орипов.

Дар форум раиси Кумитаи иҷроия – Дабири иҷроияи ИДМ Сергей Лебедев, директори генералии Кумитаи иҷроияи ҳамкориҳои минтақавӣ дар бахши робита Нурудин Муҳитдинов, ҷонишини раиси раёсати Ҷамъияти саҳҳомии "Хадамоти давлатии техникӣ"-и Қазоқистон Зекен Исмоилов, ҷонишини директори Институти технологияҳои иттилоотии Озарбойҷон Шокир Меҳдиев, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Зиёӣ ва дигарон ба сухан баромаданд.

Онҳо дар маърӯзаҳои худ қайд карданд, ки як қатор вазифаи муштарак бояд мавриди иҷро қарор гиранд. Гуфта шуд, ки яке аз чораҳои мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ табодули иттилоот мебошад. Ҳамчунин ҳамоҳангсозии мубориза бо ин таҳдидҳо, ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, тарзи дурусти истифодаи шабакаҳои интернетӣ, ҷилавгирӣ аз таҳдидҳои ногаҳонӣ ва амсоли он аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбанд, ки барои мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ хеле заруранд.

Дар давраи ҳозира гузаронидани мониторинги мубориза алайҳи таҳдидҳои иттилоотӣ низ натиҷаи мубориза ро пурзӯр хоҳад кард. Зеро таъмини амнияти иттилоотӣ тақозо менамояд, ки аз роҳу усулҳои гуногун истифодаи комил сурат гирад.

Ногуфта намонад, ки барои баррасии масъалаҳои мавриди назар иштирокчиёни форум ба чаҳор иҷлосия тақсим шуданд. Дар он масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ, мубориза бо ҷинояткориҳое, ки тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ мешавад, ҳифзи техникии объектҳои сохторҳои иттилоотӣ ва тадқиқи ҷиноятҳои киберӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар фазои иттилоотӣ муҳокима гардиданд.

Иштирокчиёни форуми байналмилалӣ эътироф намуданд, ки дар шароити рақамикунонии босуръат таҳдид ба амнияти иттилоотӣ низ авҷ гирифтааст. Хосатан, зуҳури ҷиноятҳои киберӣ, ки соҳаи молия, кредиту банкро фаро гирифтааст, ба иқтисодиёти ҳар як кишвар тавонистааст хатари ҷиддӣ ворид кунад.

Нуктаи дигаре, ки дар форум ба он таваҷҷӯҳ зоҳир гардид, қаллобӣ ва аз ин роҳ таҳдиди хатар ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мебошад. Ин усул маълумоти шахсиятҳои номдорро ҷамъоварӣ карда, ба дахлнопазирии онҳо таҳдид менамояд.

– Мо дар ҷумҳурии худ чорабиниҳои зиёдеро таҳти иҷро қарор додаем, ки амнияти иттилоотиро таҳким мебахшанд. Бо вуҷуди ин, ба ин ақида устувор ҳастем, ки ба муқобили таҳдиди иттилоотӣ дастаҷамъона мубориза барем, зеро он ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст. Ин мубориза муштарак метавонад аз роҳҳои мухталиф сурат гирад, – гуфт директори Пажӯҳишгоҳи стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Зиёӣ.

Аз баромади иштирокчиёни конфронс маълум шуд, ки масъалаҳои амнияти иттилоотӣ, рушди ҷомеаи рақамӣ дар санадҳои консептуалии ИДМ акси худро ёфтаанд.

– Як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими соҳавӣ қабул карда шудаанд, ки мақсадҳо ва принсипҳои ҳамкории байнидавлатиро дар соҳаи мазкур муайян мекунанд. Ба таври мисол "Созишнома дар бораи ҳамкории иттилоотии давлатҳои узви ИДМ дар соҳаи рушди ҷомеаи рақамӣ" ёхуд "Стратегияи таъмини амнияти иттилоотӣ" маҳз аз санадҳои ҳамкорие мебошанд, ки ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотӣ дар фазои ИДМ нақши муҳим мебозанд, – мегӯяд директори Институти тадқиқотҳои стратегии Белорус Олег Макаров.

Соли гузашта сарони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Консепсияи рушди минбаъдаи Иттиҳод ва Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ-ро барои то соли 2030 қабул карда буданд.

Ба гуфтаи иштирокчиёни форум ташаббуси Президенти Ӯзбекистон дар робита ба баргузор намудани ин нишаст барои табодули назар ва иваз намудани таҷриба ба ҳамдигар имкон фароҳам оварад. Дар ин замина дар мамлакати мо Стратегияи "Ӯзбекистони рақамӣ – 2030" ба тасвиб расидааст, ки тақозо менамояд, якчанд чорабиниҳои муҳимеро дар ин самт пиёда намоем.

– Ӯзбекистон як узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аст. Барои ҳамин мо аз хавфу таҳдиди амнияти иттилоотӣ ҳаргиз дар канор намондаем. Зеро киберҷинояткорӣ, таҳдид ба амнияти иттилоотӣ аз мо низ тақозо менамояд, ки дар муқобили он чораҳои фаврӣ андешем ва омода бошем, ки ин таҳдид бартараф гардад. Албатта, дар ин ҷода мутахассисони идораҳои марбута бояд аз тайёрии махсус гузаранд ва моро аз ин таҳдидҳо ҳимоят кунанд,– гуфт муовини Прокуратураи генералӣ Светлана Ортиқова.

Форуми Тошканд дар масъалаи "Таъмини амнияти иттилоотӣ" 29 июн кори худро ба поён расонд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори "Овози тоҷик".**

***29 июн дар Бизнес-маркази байналхалқӣ дар Тошканд даври ҳаштуми мулоқотҳо аз рӯи лоиҳаи Қарордод дар бораи шарикии васеъ ва ҳамкории байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо баргузор гардид.***

## МАСЪАЛАҲОИ МИНБАЪД ВАСЕЪ НАМУДАНИ ҲАМКОРИИ ӮЗБЕКИСТОН ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

Дар он муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Файрат Фозилов, муовини вазири сармоя ва савдои хориҷӣ Бадриддин Обидов, муовини директори идоракунанда оид ба Русия, Шарикии шарқӣ, Осиёи Марказӣ, ҳамкории минтақавӣ ва САҲА Хидмати аврупоии амалиёти хориҷӣ Люк Девин ва ҳамчунин намояндагони идораҳои дахлдори Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо ширкат намуданд.

Дар вохӯрӣ ҳолати имрӯзаи гуфтугӯҳо оид ба Қарордод дар бораи шарикии васеъ ва ҳамкорӣ ва инчунин нақшаҳои оянда дар бобати татбиқи онҳо муҳокима гардиданд.

Дар натиҷаи бозсозиҳои мусбии доманфарохе, ки зери роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба амал татбиқ мегардад, ҳамкории мамлакатамон бо давлатҳои хориҷӣ, аз он ҷумла бо Иттиҳоди Аврупо инкишоф меёбад.

Бинобар ин ҷониби Аврупо, дар ҳоле ки ба ислоҳоти ҷории Ӯзбекистон баҳои баланд медиҳад, изҳор дошт, ки ба васеъ намудани робитаҳои дуҷониба бо Тошканд аҳамияти муҳим медиҳад.

– Иттиҳоди Аврупо ба мустаҳкам намудани шарикии стратегӣ бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ эътибори калон медиҳад. Аз он ҷумла, ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон дар соҳаи тиҷоративу иқтисодӣ ва ғайра инкишоф меёбад. Дар ҷамъомад ҳолати ҳамкории дуҷониба баррасӣ гардид. Моро ислоҳоте, ки солҳои охир дар Ӯзбекистон ба амал меояд, хушҳол менамояд. Мо бозсозиҳои демократиро дар ҷумҳурӣ дастгирӣ менамоем ва кӯшиши онро дар сиёсати хориҷӣ ҷонибдорӣ мекунем. Мамлакататон кори муҳимро дар бобати таъмини субот дар Афғонистон ба амал татбиқ менамояд. ИА омода аст, ки минбаъд муносибатро бо Ӯзбекистон мустаҳкам намояд, – гуфт Люк Девин.

Дар мулоқот таъкид гардид, ки қарордоде, ки дар байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо ба имзо мерасад, муносибатро ба дараҷаи нав мебардорад ва инчунин имконоти васеъро барои рушди робитаҳои шарикӣ дар чандин ҷанба ба вуҷуд меорад.

**Беҳрӯз ХУДОЙБЕРДИЕВ,
хабарнигори ЎзА.**

## РУШДИ ТАФАККУРИ ИҚТИСОДӢ – ТАҚОЗОИ ЗАМОН

***Ҳаёти инсон ҳамеша пур аз тазодҳо будааст ва онҳо чун қонунияти ривоҷу пешравӣ ва такомули унсурҳои зиндагӣ, дар шуури инсон ба сифати раванди ногузири ҳастӣ пазируфта мешудаанд. Замоне тарбияи маънавӣ, гоҳе тарбияи мафкуравӣ, баъзан тарбияи ҳуқуқӣ ва ҳатто давроне тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ ва амсоли он дар рӯзгори рӯзмарра вобаста ба самти равнақи сиёсату иқтисод дар ҷомеаи байналмилалӣ, дар назди ҷамъият талаботи муайяне мегузорад.***

Гуфтанием, ки тафаккури инсон гоҳ-гоҳ дар мазмуну моҳият ва дар муносибат ба олам бо тағйироту таҳаввулот рӯ ба рӯ мегардад. Барои ҳамин, аз суҳбату мушоҳидаҳо бо ҳамсолону ҳамкорону ҳамдиёрон метавон хулоса бардошт, ки аз якрангию қолабию тангназарии тафаккур дида, серҷанбагиву гуногуннazarӣ дар тафаккур ба ҳаёти инсон мазмуни тоза бахшида метавонад.

Воқеан, замоне барои мардум дар бораи сарват, сарватмандӣ, сарватғундорӣ фикр кардан нанг шумурда мешуд. Чунки сарватхоҳиву пулпарастӣ тибқи таълимоти мафкураи ҳукмрон барои шаҳрванди ҷомеа маънои "мешанӣ"-ро дошт. Ин натиҷаи шах шудани тафаккур дар таъсири тарбияи якранги мафкуравӣ буд.

Ҳоло, ҳатто пас аз сӣ соли истиқлолият ҳам, бисёриҳо аз занҷири чунин тафаккур раҳоӣ наёфтаанд. Ҳол он, ки мафкураи истиқлолият озодии иқтисодӣ, муносибатҳои бозориро пеш гузошта, барои ҳар кас имконияти истифодаи иқтидори шахсиро барои ташкил кардани зиндагии фаровону пурмазмуни худ фароҳам овард. Мутаассифона, мафкураи собиқ чунон решаҳои амиқ дошт, ки одамон ба тадбиркориву соҳибкорӣ низ аз ҳад зиёд эҳтиёткорона муносибат мекарданд. Аз ин лиҳоз тадбиркориву соҳибкорӣ бо суръатҳои хеле паст пеш рафтанд. Сабаби асосӣ сусту заиф будани тафаккури иқтисодиву молиявӣ буд.

Имрӯз дар Ӯзбекистони нав, ки ислоҳоти воқеан амиқу пурҳадафро пайгирӣ мекунад, дар назди ҷомеа ва хусусан насли ҷавон вазифаҳои пурмасъул гузошта мешаванд. Яке аз чунин талабҳои рӯз – ин баланд бардоштани сатҳи саводи иқтисодии донишомӯзон ва донишҷӯён аст. Яъне, ривоҷ додани тафаккури иқтисодии ҷавонон тақозои замон буда, он ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст.

Имрӯз баробари пешравии технология ва тавсиа ёфтани иқтисодиёти рақамӣ манзараи умумии ривоҷи иқтисодиёти кишвар ҳам дигаргун мегардад. Аҳолӣ ба соҳибкориву тадбиркорӣ бо назари эътимод менигаранд, низоми ҷудо кардани вомҳо барои ибтикороти иқтисодӣ равнақ меёбад. Алҳол одамон аз хона набаромада чандин муомилаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, пулӣ ва молиявиро анҷом дода метавонанд.

Яъне, ҳарчӣ бештар донистан, омӯхтан ва дарк кардани равандҳои замонавии рушди иқтисодии мамлакат, таҳаввулоти таркибии он, ҳамкории секторҳои иқтисодии давлативу хусусӣ, ҷорӣ гардидани хизматҳои нави пуливу молиявӣ, имконият ва қулаиҳои иқтисодиёти рақамӣ барои аҳли ҷомеа бояд ба сифати тақозои замон пазируфта шавад.

**Некрӯз АБДУЛЛОЕВ,
докторанти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# ҶАВОНОН — ТАКЯГОҲИ ПЕШРАФТИ КИШВАР

(Аввалаш дар саҳ.1).

Бо ин мақсад дар кишвар Вазорати таълими томактабӣ ташкил гардид, низоми таълими мактабӣ куллан ислоҳ ва таълими миёнаи умумии 11-сола аз нав ҷорӣ шуд. Дар вилоятҳо муассисаҳои нави таълими олӣ, марказҳои илмиву эҷодӣ таъсис ёфтанд. Квотаҳои қабул ба мактабҳои таълими олӣ хеле бештар ва шаклҳои таълими олии ғоибонаву шабона аз дигар ба роҳ монда шуданд. Дар мамлакат бахши донишгоҳҳои бонуфузи зиёда аз 15 давлати мутараққӣ боз гардиданд ва ба фаъолият оғоз карданд.

Дар ин бобат 5 ташаббуси муҳиме, ки аз ҷониби Шавкат Мирзиёев барои баланд бардоштани маънавияти ҷавонон, пурмазмун гузаронидани вақти холии онҳо пешниҳод гардид, баҳри ба маданият, санъат, варзиш васеъ ҷалб кардани онҳо, ташаккул додани донишҳои истифодаи дуруст аз технологияҳои замонавии иттилоотӣ, баланд бардоштани маданияти китобхонӣ, вазифаҳои таъмин сохтани занону духтарон бо шуғл боз як қадами муҳим шуд.

29 декабри соли 2020 роҳбари давлат дар Муроҷиатномаи худ, ки ба Олий Маҷлис пешниҳод гардид, соли 2021-ро дар Ӯзбекистон «Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ» эълон кард. Бо ин мақсад таҳти ғояи «Ӯзбекистони нав – аз остонаи мактаб, аз низоми таълиму тарбия ибтидо мегирад» ба татбиқ намудани ислоҳоти васеъ асос гузошта шуд. Дар ин бобат инҳо вазифаҳои устувор муайян гардиданд:

– ба роҳ мондани таълиму тарбияи босифат ба насли наврас дар кӯдакистон, мактаб ва мактабҳои олӣ, баҳри аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ солим, инсонҳои ватанпарвар ба воя расидани онҳо сафарбар кардани тамоми нирӯ ва имкониятҳо;

– ҷавононро дар пояи дониш ва таҷрибаҳои замонавӣ, суннатҳои милливу умумибашарӣ мустақилфикру дурандеш, ба сифати инсонҳои дорои фазилатҳои нек ба воя расонидан;

– ба писарону духтарон касбу ҳунарҳои замонавиеро, ки талаб ба онҳо дар бозори меҳнат баланд мебошад, омӯзондан, ба онҳо таҷрибаҳои соҳибкорӣ ва фазилатҳои меҳнатпарвариро ташаккул додан, ҳамчунин эътибори муҳим додан баҳри ба амал татбиқ гардидани ташаббусҳояшон, таъмин сохтан бо кору манзил.

Ҳамчунин дар Муроҷиатнома фароҳам овардани шароити зарурӣ барои минбаъд фаро гирифтани ҳар як кӯдаки томактабӣ, бо самти мазкури таълим пурра ҷалб кардану шароити зарурӣ фароҳам овардан барои онҳо, таълими мактабиро куллан такмил додан ва сифати онро беҳтар кардан, идома додани ислоҳоти вобаста ба фароҳам овардани шароити муносиб барои муаллимон, ҳадди ақалл 25 фоиз зиёд кардани миқдори грантҳои давлатӣ барои мактабҳои таълими олӣ, таъмин сохтани ҷавонон бо шуғл ва дастгирӣ кардани соҳибкорон ҳамчун масъалаҳои муҳим мушаххас шуданд.

Моҳи августи соли 2020 дар назди палатаҳои Олий Маҷлис Парлумони ҷавонон таъсис ёфт. Шубҳае нест, ки парлумони ҷавонон сиёсати давлатро оид ба насли наврас кор карда мебарояд, баҳри ба амал татбиқ гардидани он механизми самарабахш ва иштироки бевоситаи ҷавононро таъмин менамояд.

Парлумони ҷавонон воситаи иртиботи бевосита бо роҳбарияти мамлакат ва минтақаҳо ба шумор меравад. Мақсади он дар ҳаллу фасли масъалаҳои муҳими ҳаётӣ аз сарҷамъ сохтани ҷавонон, таъмин кардани ҳамкории созмонҳои ҷавонон бо ҳокимияти қонунбарор ва иҷроия иборат аст. Парлумони ҷавонон аз шаклҳои ҷалб намудани ҷавонон барои иштирок кардан дар корҳои давлат ва минтақаҳои он ба шумор меравад. Парлумони ҷавонон аслан шакли нави зиёд кардани мавқеи маданияти интихобкунандагони ҷавон ва ҳуқуқи шаҳрвандии онҳо маҳсуб меёбад.

12-13 августи соли 2020 ба муносибати Рӯзи байналхалқии ҷавонон дар мавзӯи «Ҷавонони соли 2020: ягонагии миқёси ҷаҳонӣ, тараққиёти пойдор ва ҳуқуқҳои инсон» дар шаҳри Самарқанд бинобар ҳуқуқи инсон анҷуман баргузор шуд. Медонем, ки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон 19 сентябри соли 2017-ум дар иҷлосияи 72-юми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид масъалаи ҷавононро ба миён гузошта, ташаббуси бунёди Баённома дар бораи ҳуқуқи ҷавонон ва қабул кардани онро пешниҳод карда буд. Сабаби асосии ин ташаббус барои тамоми табақаҳои инсоният мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳифзи ҳуқуқ, вале вобаста ба ҷавонон набудани чунин ҳуҷҷати ҳуқуқи байналхалқӣ гардид. Вобаста ба ин лоиҳа дар бораи ҳуқуқи ҷавонони Ӯзбекистон коркард гардид. Дар ин ҷараён таҷрибаи ҷаҳонӣ бинобар масъалаҳои ҷавонон ҳамаҷониба омӯхта шуд. Ҳангоми кор карда баромадани лоиҳаи баённома кору фаъолияти СММ ва сохторҳои байналмилалии ба он вобастаи беш аз 30 ташкилотҳои универсаливу минтақавӣ (Иттифоқи Африка, Созмони давлатҳои Амрико, Иттиҳоди Аврупо, Созмони ҳамкории исломӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ғайра) омӯхта, дар доираи он зиёда аз 20 ҳуҷҷати байналхалқӣ мавриди эътибор қарор гирифт. Анҷумани Самарқанд ба муҳокимаи васеи лоиҳаи мазкур бахшида шуд.

Ҳоли ҳозир дар тамоми ҳудуди кишварамон ҷашнвораи ҷавонон таҳти шиори «Ҷавонони Ӯзбекистони нав, муттаҳид шавем!» баргузор мегарданд. Ҷашнвораи мазкур 30 июн – дар арафаи Рӯзи ҷавонон дар доираи 5 ташаббуси муҳими Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ташкил гардид. Ба муносибати Рӯзи ҷавонон дар тамоми созмонҳои давлативу ғайридавлатии кишварамон тадбирҳои вобаста ба фаъолнокӣ даъват кардани ҷавонон, намоиш додани дониш ва имкониятҳои онҳо баргузор мегарданд.

Чорабиниҳои маърифатие, ки дар Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон, Иттифоқи оҳангсозон ва бастакорони Ӯзбекистон дар пояи асарҳои эҷодкорони ҷавон мегузаранд, аз ин ҷумла мебошанд.

Шиддат ва шуҷоати ҷавонон дар пешрафти мамлакат нирӯи беназир маҳсуб меёбад. Бешубҳа, дар қалби насли наврас тарбия кардани эҳсоси ватанпарварӣ, афзун сохтани эътимоди ӯ ба оянда, кӯмакрасонӣ барои дар ҷамъият мавқеи худро пайдо кардан ва соҳиби овози худ шудани ӯ аз ҷумлаи анъана ва суннатҳои азалии миллии мост.

Роҳбари давлати мо бо назардошти шароите, ки имрӯз дар миқёси ҷаҳонӣ ба миён омадааст: «Ба овози ҷавонон эътибор додан хеле муҳим мебошад», мегӯяд. Барои таъмин сохтани эҳтиёҷоти ҷавонон, ҳифз кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо иштироки бевоситаи онҳоро бинобар кор карда баромадан ва ба амал татбиқ намудани чорабиниҳо таъмин кардан аҳамияти муҳим касб менамояд.

Зеро дар замири суханони Президент Шавкат Мирзиёев: «Мо сиёсати давлатии доир ба ҷавононро мунтазам ва бо қатъият идома медиҳем. Нафақат идома медиҳем, балки сиёсати мазкурро ҳамчун вазифаи муҳимтарини худ ба дараҷае, ки имрӯз замон тақозо дорад, баланд мебардорем», нирӯи асосии истиқболиояндаи давлати Ӯзбекистон, ки пойдевори Эҳёи Сеюмро мегузорад, муҷассам мебошад.

**Ойдин АБДУЛЛОЕВА,**
**депутати Палатаи қонунгузори Олий Маҷлис, узви фраксияи Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат».**



# Комёбии ғаллакорони вилояти Бухоро

***Хабари хуш болу пар дорад. Рӯзи иди касбии кормандони матбуот ва ВАО дар Бухоро ҳокими вилоят Б. Зарипов кормандони соҳаро муборакбод намуда, хабар дод, ки деҳқонони ҳимматбаланди вилоят нақшаи шартномавии ба давлат супоридани ғалларо бо муваффақият ба сомон расонданд. Ҳозирон ин муждаро бо чапакзаниҳо пешвоз гирифтанд.***

Ғаллакорони пуртаҷриба ба давлат 140 ҳазору 72 тонна гандум супориданд, ки 15 ҳазору 100 тоннаи онро ғаллаи тухмӣ ташкил мекунад. Албатта, ин комёбӣ самараи меҳнати пай дар пайи оқилона, беоромиҳои татбиқи таҷрибаи бисёрсолаю риояи қоидаҳои агротехникӣ, азму кӯшиш ва мубориза ба муқобили инҷиқиҳои табиату ҳашароти зараррасон аст. Кишти саривақтӣ, озуқадиҳию обёрии бамаврид, маҳвсозии алафҳои бегона барин ҷараёнҳои корӣ имконият дод, ки ҳосили пешбинишуда фароҳам ояд. Муҳимаш тайёрии оқилона ба мавсими дарав, омодасозии техникаи ҳосилғундорӣ, ҳавасмандгардонии иштироккунандагони маъракаи ҷамъоварии ғалла барин омилҳо боиси комёбӣ гардид. Гуфтан ҷоиз аст, ки имсол 2 ҳазору 932-то хоҷагии фермерии вилоят дар 60 ҳазору 600 гектар майдон гандуми навъҳои «Старшина», «Алексеевич», «Гром», «Первитса», «Рапсодия» коштанд. Аз ҷумла, дар бештар аз 22 ҳазору 800 гектар майдон ҷараёни ғаллакорӣ баъди ғундоштани ҳосили пахта охирҳои фасли тирамоҳ сурат гирифт. Бо ташаббуси Президенти мамлакат дар соҳаи ғаллапарварӣ татбиқ ёфтани усули кластер боиси афзудани манфиатдории деҳқонон мегардад. Ҳоло дар 12 ҳазор гектар киштзори вилоят 9-то кластери ғаллапарварӣ созмон ёфта, ба онҳо 3,8 ҳазор гектар майдон бевосита ҷудо гашта, онҳо 8,1 ҳазор гектар ғаллазор доранд ва ба 508 хоҷагии фермерӣ вобаста карда шудаанд.

Ташкил ёфтани отрядҳо ҳангоми дарав судовар гардид. 205-то комбайни сермаҳсули «Case», «Class», «Class Dominator», «Nyu Holland», «Viktor», 955 техникаи боркашон, 73 автомобили таъмини сӯзишворӣ ва хидматрасонӣ самаранокии корро таъмин кард. Ба комёбии вилоят саҳми деҳқонон – хоҷагиҳои фермерии ноҳияҳои Қаровулбозор, Олот, Рометан, Вобканд, Қарокӯл, Пешкӯ ва Шофиркон муносиб шуд. Аз ҷумла, хоҷагиҳои фермерии «Фазо БЗШ», « Ҳайдарполвон замини», «Истиқлол», Аҳтам Даврон» аз ноҳияи Қаровулбозор, «Наҷим Тошобод», «Заҳро юлдузи», «Янгикент олтин замини» аз ноҳияи Вобканд, «Зафар», «Суннат», «Асад Полвон» аз ноҳияи Рометан, «Бойли бобо», «Муҳаммадалӣ Ҳасанов», «Қораун» аз ноҳияи Қарокӯл, «Шариф Эргаш диёри», « Облоқул Камолиддин ӯғли», «Варахша нурли замини» аз ноҳияи Пешкӯ ва дигарон ҳосилнокии майдонҳоро камаш ба 65 сентнерӣ мерасонанд. Мувофиқи маълумоти садорати хоҷагии қишлоқи вилоят хароҷоти барои ҳар як гектар ғалла сарфшуда 7 миллион сӯмро ташкил карда, даромад ба 11 миллион сӯм мерасад. Бинобар пешгӯиҳои мутахассисон даромади софи ғаллакорони вилоят камаш ба 200 миллиард сӯм рост меояд.

Дар 49 ҳазор гектар қитъаи аз ҳосил холигашта кишти такрорӣ сурат гирифта, ба оилаҳои имконияти коридоштаи шомили «Дафтари оҳанин», «Дафтари бонувон» ва «Дафтари ҷавонон» аз 0,25 сотих то 1 гектар замин дода мешавад. Дар вилоят ҷараёни ҳосилғундорӣ идома дорад ва барои ба 360 ҳазор тонна расондани истеҳсоли гандум имконият фароҳам оварда шудааст.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Ифтихор*

# ДАСТОВАРДҲОИ ЖУРНАЛИСТИ САЙЁР

Журналистика шахсони тасодуфиро дар соҳаи кор намепазирад. Журналистика таҷассуми амалии маслаку мақсад, эҳсосоти амиқи эҷод ва садоқат ба касб аст. Дар мактаби журналистикаи тоҷики Ӯзбекистон қаламбадастоне кор мекунанд, ки собиқаи касбиашон қариб ба ним аср расида, таҷрибаашон арзишманду қобили омӯзишу тадқиқ аст. Мирасрор Аҳроров айнан аз зумраи он хабарнигорон ба шумор меравад, ки дар ҳар макону дар ҳама замон бори гарони журналистиро сарбаланадана бар дӯш бардошта меояд.




Замони интернет, шабакаҳои мухталифи иҷтимоӣ кори баъзе ҳамкасбони моро осон кард. Онҳо ғуломи манбаъҳои тайёри интернет шуда, ба қавле, танбал гаштанд, аз хонаи корӣ набаромада, ҳар чӣ мехонанд, ҳамонро менависанд, ки боиси таассуф аст. Аз ин лиҳоз, навиштаҳои онҳо рӯҳ, таҳлили серҷанбаи ҳаётӣ надоранд. Аммо, Мирасрор ин усули "замонавӣ"-ро ҳаргиз қабули истифода накардааст. Ӯ сайёр аст, вай ҳамеша дар роҳ аст... Агар субҳидам дар Фарғона бошад, рӯзи дигар ӯро дар Қароқалпоқистон ё Бухоро дармеёбед.

Гоҳҳо берун аз марзи Ӯзбекистон – Тоҷикистон, Эрон, дигар кишварҳо паёмҳо мерасонад.

Хулоса, вай фақат раҳовардашро менависад, суҳбатҳои "зинда" ба мардуми оддӣ, соҳибони касбу кори гуногун, гузоришот аз чорабиниҳои муҳими дорои аҳамияти байналмилалӣ ва монанди инҳо хоси "лаборатория"-и эҷодии ӯст.

Бояд гуфт, ки расман ба ин соҳа пас аз хатми шуъбаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар соли 1978 дохил шудааст, гарчанде дар овони мактабхонӣ хабару мақолаҳояш аз кӯҳпояи Сӯх дар рӯзномаҳои Риштону Фарғона бисёр чоп шуда буданд. Боз як далел: Мирасрори Фарғонӣ дар ҳамаи риштаҳои журналистика: радио ва телевизион, рӯзнома ва нашриёт, интернет маҳорату дониши худро санҷида, таҷрибаашро ба шогирдонаш низ омӯзондааст.

Собиқаи кораш дар журналистикаи байналмилалӣ ҳам кам нест: радиои "Озодӣ", "BBC", садову симои хусусии "Орзу"-и Афғонистон, хабаргузории "Фарснюс"-и Эрон ва ғайра.

Имрӯз дар баробари фаъолият дар "Овози тоҷик" ҳамчун мухбири рӯзнома ва ҳафтавор ва сайти Маркази тадқиқотии журналистии Тоҷикистон – "Фараж" дар Ӯзбекистон домани корашро боз ҳам густариш додааст, аз таҳавуллоту ҷараёни ислоҳот дар мамлакатамон тамоми тоҷикистониёну ҷаҳониёнро аз тариқи саҳифаҳои ин ҳафтавор ва сайти он воқиф карда меояд. Як назар меафканем ба навиштаҳояш дар сайти "Фараж" (farazh.tj ) зери сарлавҳаи "Ӯзбекистон: озодии баён эҳсоси масъулиятро тақозо мекунад".

Ӯ дар хулосаи баёни раиси Сенати Олий Маҷлиси Ӯзбекистон Танзила Норбоева мегӯяд: "...бархе аз расонаҳои гурӯҳӣ ва шабакаҳои интернетӣ бо пахши ахбори беасос ва бардурӯғ дар миёни ҷомеаи Ӯзбекистон нигарониҳоро ба бор овардаанд. Барои ҳамин талоши ҳукумати ин кишвар ба он равона шудааст, ки пеши роҳи чунин раванд ба таври мусолиматомез ва бо дарки маънӣ гирифта шавад, то ки мафкураи мардум, хусусан ҷавонони ин кишвар аз чунин хабарҳои дурӯғу беасос заҳролуд нагардад". Мавзӯи муҳим аст? Оре, хеле муҳим! "Фараж" номи гиёҳи талхест, ки шифобахш аст. Гоҳҳо суханони "талхи" Мирасрор низ ба дарди мардум шифо мебахшад.

– Ман бо касби интихобкардаи худ ҳамеша ифтихор дорам. Журналистика барои ман мазмуни ҳаёт аст, зеро ҳамеша бо мардум ҳастам, дарду ҳолашонро мепурсаму мешунаваму ба дигарон мерасонам, – мегӯяд ӯ.

Фаъолияти кории хабарнигор Мирасрори Фарғонӣ байти пандомези Абуабдуллоҳи Рӯдакиро ба ёд меоварад:

*Бирав, зи таҷрибаи*
*рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи*
*ҳаводис туро ба*
*кор ояд.*

27-уми июн дар Ӯзбекистон Рӯзи кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ пуршукӯҳ ҷашн гирифта шуд. Журналистони собиқадору соҳибистеъдоди кишвар ба унвону ордену медалҳо мукофотонида шуданд. Дар радифи ин гуна чорабиниҳо натиҷаи озмуни "Журналисти беҳтарини сол" эълон шуд. Дар қатори қариб 30 нафар журналисти кишвар ва хориҷӣ Мирасрор Аҳроров низ пирӯзиро дар ин озмуни бонуфуз ба даст овард. Ҳамкасбам — журналисти сайёрро бо ин дастовардаш муборакбод мегӯем!

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ.**

***Ба қарибӣ сафоратхонаи Тоҷикистон дар Тошканд бо ҳузури кормандони сафорат ва равшанфикрони тоҷики ӯзбекистонӣ ба муносибати иди Ваҳдати миллии Тоҷикистон, ки ҳар сол 27-уми июн таҷлил мешавад, нишасти ботантана доир гардид.***

# АРМУҒОН ДАР РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Сафири муҳтарами Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода дар хусуси Тоҷикистони имрӯз, пешрафтҳои он, саъю талоши ҳамешагӣ барои доштани ваҳдату ҳамгароӣ ва осоиши доим маърӯзаи муфассал намуд. Чанд тан аз ҳозирин бо изҳори табрику таҳният суханронӣ карданд.

Дар ин нишасти идона сафир якчанд зиёии тоҷики ӯзбекистониро бо ҷоизаҳо тақдир намуд. Аз ҷумла, собиқ ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик», донишманди закӣ, марҳум Муҳсин Умарзода (пас аз марг) ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуд ва бароящ унвони Аълочии фарҳанги Тоҷикистон дода шуд. Рӯзноманигори варзида, устод Маъруф Отахонзода ба унвони Аълочии матбуоти Тоҷикистон сазовор гардид. Дар фазои мутантан ду нафар адиб – шоири шинохта Паймон ва нависандаи чирадаст Юнуси Имомназар низ ба гирифтани ҷоизаи «Нишони сухан»-и Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шарафёб гардиданд.

Бешак, тақдир шудани равшанфикрони мо бо ҷоизаҳо аз қадршиносии волои ҳаммиллатони азизи тоҷикистонӣ гувоҳӣ медиҳад. Ба хусус, ин ҳиммати воло дар остонаи иди Ваҳдати миллӣ, айёми баҳамоӣ ва ҳамбастагӣ ба фоли нек аст ва аз хислатҳои ҳамидаи мардуми нексиришти тоҷик гувоҳӣ медиҳад.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ДАР ВАЗОРАТИ САРМОЯ ВА САВДОИ ХОРИҶӢ ПЕШОМАДИ АМИҚСОЗИИ ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТИВУ ИҚТИСОДӢ ВА САРМОЯВӢ БО ВИЛОЯТИ СУҒДИ ТОҶИКИСТОН БАРРАСӢ ШУД

***Муовини Сарвазир – вазири сармояҳо ва савдои хориҷии Ӯзбекистон Сардор Умурзоқов 25 июн раиси вилояти Суғди Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзодаро пазируфт.***

Бинобар иттилои Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ (ВССХ) дар ҷараёни гуфтушунид ҷонибҳо миқёси васеи масъалаҳои ҳамкории бисёрҷанбаи ӯзбекистониву тоҷикистониро муҳокима карданд, ба соҳаҳои ҳамкории тарафайни байниминтақавӣ ва шарикӣ дар ҷабҳаи хоҷагии қишлоқ эътибори махсус доданд.

Қайд гардид, ки бинобар натиҷаи сафари дараҷаи олӣ моҳи июни соли равон ба Тоҷикистон дар байни маъмурияти минтақаҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон бобати татбиқ сохтани 30 лоиҳаи муштарак ба маблағи тақрибан 100 миллион доллари ИМА муоҳидаҳо ба имзо расиданд ва беш аз 250 қарордоди тиҷоратӣ ба маблағи зиёда аз 300 миллион доллар ба даст омад.

Ҷонибҳо бобати ҳамкории фаъоли тарафайн бинобар татбиқ сохтан ва пешбурди лоиҳаҳои муштарак изҳори ақида карданд, дар ин маврид тайёр будани худро оид ба вусъат додани ҳамкориҳои сармоявӣ ва тиҷоративу иқтисодии байни минтақаҳои ду давлат изҳор доштанд.

Пешомади амиқсозии ҳамкориҳои тарафайн дар соҳаи кишоварзӣ баррасӣ гардиданд: мавҷудияти имкониятҳои зиёд барои вусъат додани кашондани маҳсулоти меваву сабзавот ва зироати кишоварзӣ таъкид шуд. Мавҷудияти имкониятҳои васеъ барои татбиқ сохтани лоиҳаҳои муштарак бинобар ташкил намудани гармхонаҳои замонавӣ бо низоми обёрии қатравӣ ва бунёди боғҳои зудамал бо истифода аз навъҳои аълои меваву сабзавот зикр гардид.

Дар ҷараёни мулоқот роҳбари ҳайати Тоҷикистон рағбати зиёди худро бобати дар Тоҷикистон ҷорӣ кардани таҷрибаи Ӯзбекистон доир ба рушди саноати бофандагӣ дар пойгоҳи муносибатҳои кластериро қайд намуд. Омодагӣ бинобар ба роҳ мондани ҳамкории бевосита бо истеҳсолгарони пешқадами саноати бофандагии Ӯзбекистон бо назардошти ташаккул додани истеҳсолоти баландтехнологии муштарак таъкид шуд.

Ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои кирмакпарварӣ ва чарму пойафзор эътибори махсус дода шуд: ҷонибҳо ба муоҳида расиданд, ки рӯзҳои наздик бобати ташкил кардани истеҳсоли абрешим ва маҳсулоти чарму пойафзор дар вилояти Суғди Тоҷикистон бо иштироки соҳибкорони вилояти Тошканди Ӯзбекистон пешниҳодоти мушаххасро кор карда мебароянд.

Муҳимияти ба роҳ мондани ҳамкориҳои бевоситаи тарафайн дар байни муассисаҳои таълимӣ ва илмии сектори аграрии Ӯзбекистону Тоҷикистон бо мақсади татбиқ сохтани мубодилаи тарафайн ва ҷорӣ кардани кашфиёти илмӣ дар соҳаҳои тухмипарварӣ, пахтапарварӣ, чорвопарварӣ, ангурпарварӣ ва ғайра таъкид шуд.

Бинобар натиҷаи мулоқот ҷонибҳо иқдоми минбаъдаи худро бобати пешбурди самтҳои баррасишудаи ҳамкорӣ мушаххас карданд. Рӯзҳои наздик мувофиқи коркард ва ризоияти лоиҳаҳои нави сармоявӣ бинобар татбиқ сохтани онҳо «Харитаи амалиёт»-и зарурӣ таҳия мешавад.

**АИ «Дунё».**

*Ҳамзамонони мо*

# ДАРАХТ ДАР ЯК ҶО МЕСАБЗАД

Манзили Норбиапа (ӯро Гулнораойтӣ ҳам меноманд) аз мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 50-уми ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё он қадар дур нест. Ӯ, инак, беш аз чиҳил сол аст, ки ҳар пагоҳӣ масофаи байни ин ду манзилро пиёда тай мекунад. Баъзан раҳораҳ солҳои бачагиву мактабхониаш, ки дар деҳкадаи зебои кӯҳии Оҳалики ноҳияи Самарқанд сипарӣ шудааст ва айёми таҳсил дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи Садриддин Айниро ба ёд меорад. Аҷаб солҳои беғаму ташвиш буданд, ки бо орзуҳои ширину гуворо чун бод гузашта рафтанд. Замоне, ки дар синфи нӯҳум таҳсил мекард, устоди ҳамадону дардошнояш Абдуҳаниф Шодиев ба онҳо аз фанни забон ва адабиёти тоҷик сабақ медод. Шогирдон дарси ӯро бо шавқу ҳаваси зиёд интизор мешуданд. Устод дар саҳни синфхона гӯё дар кадом як намоишнома нақшеро мебозида бошад, бо як эҳсосоти баланд дарс мегузашт. Ин усули кору тарзи дарсдиҳӣ шавқу завқи шогирдонро ба фанҳои ӯ дучанд мекарданд. Онҳо суханрониҳои устоди хешро бо диққату эътибори зиёд гӯш карда, ба дарёи андеша фурӯ мерафтанд. Рӯзе мавзӯи дарс ҳаёт ва фаъолияти шоираи ширинсухан Зебуннисо буд. Муаллим Абдуҳаниф Шодиев бо як эҳсосоти баланд ва дарду алам аз ҳаёти ин ситораи тобони боғи адабиёт қисса мекард. Дар бораи рӯзгори талху шӯри шоира гоҳе ба риққат омада ҳикоя менамуд. Мегуфт, ки чӣ гуна Бобуршоҳ пас аз тасарруфи Афғонистон рӯ ба ҷониби Ҳиндустон овард. Дар ин сарзамини афсонавӣ анъанаҳои ниёгони хешро бо чӣ гуна душвориҳову заҳматҳо ҷорӣ кард. Дар дарбори хеш чӣ тарз шоирон, олимон, муаррихон ва соҳибони дигар касбу ҳунарҳоро гирд оварда, онҳоро ба корҳои нек тарғиб намуд. Бисёрии ин олимону эҷодкорон дар сояи адлу марҳамати ин марди хирад кору эҷод карда, дар таърих соҳиби шуҳрати бегазанд шуданд. Ин анъанаи нек баъд аз сари Бобур низ зиёда аз дусад сол идома дошт. Аз ҳамин муҳити маърифатпарвар як гурӯҳ шоирон ба монанди Абдулқодири Бедил, Зебуннисо ва ғайра камол ёфта, адабиёти ғании форсизабононро боз ҳам ғанитар карданд. Зебуннисои шоира, ки парвардаи ин даргоҳи бузург буд, бо ашъори баландаш шуҳрати беандоза пайдо кард. Ӯ дар радифи хубони порсигӯ мавқеи хос дорад. Умуман, устод ҳаёти даврони бобуриёнро дар ин сарзамин бо далелҳои боэътимод ба шогирдони хеш мефаҳмонд. Пасон аз ашъори ноби ин шоираи ширинсухан бо лаҳни гуворову ширин намунаҳо қироат мекард. Ва ҳамин дарсҳои хотирмони устод ба умқи дили Норбии ҷавон ҷо гирифта, ӯро ба олами бемисли шеъру адаб роҳнамун карданд. Ин таъсирпазирӣ дар дили кӯчаки ӯ як умр хона монд. Аз ҳамин айём дар дили ӯ хоҳиши шеър гуфтан, суханҳои мавзун шунидан пайдо шуд. Баъзан суханҳои мавзунеро рӯйи коғази сафед мекӯчонид. Ва боре ҷуръат пайдо карда, дар ин мавзӯъ ба устоди хеш суҳбат кард, маслиҳат пурсид. Ҳамин шавқу завқи беандоза буд, ки вай пас аз хатми мактаб ба факултаи забон ва адабиёти тоҷикии донишкадаи зикршудаи Самарқанд ҳуҷҷат супурд. Аҷаб давраи тиллоӣ буд ин давр. Дар ин даргоҳ аз устодони донову тавоно, аз ҷумла шодравон С.Аслиддинов, В.Қосимов, С.Иброҳимзода, Б.Насриддинзода, Л.Назарова, Х.Қамариддинов ва ғайра сабақ омӯхт. Норбии ташнаи дониш чун дигар ҳамсабақон дарсҳои устодони хешро хубу аъло азбар мекард. Дар семинару маҳфилҳои адабие, ки дар доираи курс ё факулта баргузор мегардиданд, дар байтбараку сурудхониҳое, ки ҳангоми маъракаи ҷамъоварии пахта дар саҳро ё хобгоҳ ба амал меомаданд, фаъол ширкат меҷуст ва аксаран сазовори таҳсину тавсифи устодону дӯстони ҳамсабақи хеш мегардид. Ҳамин сон чор сол чун хоби ширин гузашту рафт.

Ӯ солҳои таҳсил дар донишкада бо ҳамсабақаш Султоналӣ Имомалиев, ки аз ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона ва аз ҷумлаи донишҷӯёни пешқадами курс буд, риштаи пайвандӣ бастанд. Баъди хатми донишкада онҳоро, ки аллакай хонадор шуда буданд, бо роҳхат ба ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё фиристоданд. Бо кӯмаку ёрии шуъбаи маорифи халқи ноҳия ба ин ду навҷавон манзили зист ҷудо карда шуд. Ҳамин тариқ онҳо дар мактаби миёнаи рақами 50-уми шаҳрчаи Хайробод ба кор оғоз карданд. Дар ин маърифатгоҳ таълим ба ду забон – ӯзбекӣ ва тоҷикӣ буд. Дар синфҳои тоҷикӣ устодон намерасиданд. Ҳарду дар ин муҳити бегона бинобар дониши хубу ахлоқи ҳамидаи худ ба муаллимону шогирдон ва волидайни хонандагони мактаб зуд унс гирифтанд.

Чун ду соли фаъолияти иҷборӣ дар ин даргоҳи маърифат паси сар шуд, барои кори минбаъда бо маъмурияти таълимгоҳ гуфтугӯ карданд. Маъмурият ва аҳли ҷамоаи мактаб намехостанд, ки ин ҷавонони босаводу ҷӯё онҳоро тарк кунанд. Вале онҳо истодагарӣ карда, ба шуъбаи маорифи халқи ноҳия омаданд. Мудир андешамандона гуфт:

– Оре, муддати хидмати иҷбории дусолаатон поён ёфт Шумо ҳақ доред моро тарк гуфта, ба ватани бобоӣ бозгардед. Албатта, кор пайдо мекунед. Вале фаромӯш накунед, ки дарахт дар як ҷо месабзаду бор меоварад. Шумо дар муддати ин ду сол дар дилу дидаи шогирдони худ ҷой гирифтед, ба олами афсонавии онҳо ворид шудед. Дар дилҳои онҳо умеду орзу, шодиву нишот бедор кардед. Акнун худатон бо фаросат қазоват кунед, ки чӣ гуна ин дари меҳру муҳаббатро ба рӯйи онҳо баста меравед. Ман бовар дорам, ки шумо ҳеҷ гоҳ шогирдони хешро дар нимараҳи ҳаёт партофта намеравед, фаъолияти худро дар ҳамин мактаб идома дода, онҳоро дар чорсӯи зиндагӣ роҳбалад мегардед...

Баъди ин суханони падаронаи мудир муаллимони ҷавон дубора ба мактаби хеш баргаштанд. Аҳли ҷамоаи омӯзгорон аз бозгашти онҳо хеле хурсанд шуданд. Баъдтар маълум шуд, ки директори мактаб аз мудир хоҳиш карда будааст, барои дар мактаб мондани онҳо – ин ҷавонони хушкору хушгуфтор саъй кунад, тадбир ҷӯяд. Шавҳари Норбӣ Султоналӣ Имомалиев соли 1983 дар шуъбаи маорифи халқи ноҳия равишомӯз таъин мегардад. Султоналӣ аз субҳ ба кор мерафту баъзан як поси шаб ба хона бармегашт. Дар таълимгоҳ барои синфҳои тоҷикӣ омӯзгорон намерасиданд. Муаллима Тоҳироваро лозим меомад, ки ба ҷойи дусе нафар омӯзгор ба шогирдон дарс диҳад.

Боре дар мактаб маҷлиси падару модарон идома дошт. Мӯйсафеди нуроние боадабона ба аҳли ҷамъомад салом карда, дар курсие нишаст. Чун маҷлис тамом шуд, мӯйсафед аз ҳампаҳлӯяш муаллима Норбӣ Тоҳироваро пурсид. Ҳамкорон муаллимаро ба мӯйсафед муаррифӣ карданд.

Ӯ баъди салом ба омӯзгор рӯ оварда гуфт:

– Духтарам, ман ба шумо гапи муҳиме дорам.

– Ба ҷону дил мешунавам, – бо табассум ҷавоб дод муаллима.

Мӯйсафед худро шиносонида гуфт, ки ӯ падари шогирди вай – Гулбаҳор Шарифова аст.

– Шуморо Гулбаҳор хеле таърифу тавсиф мекунад. Худо хоҳад, ӯ ҳам хонданашро дар ягон мактаби олӣ идома медиҳад. Мисли шумо омӯзгор мешавам, мегӯяд. Боз мегӯяд, ки шумо имсол баъди анҷоми соли хониш ба шаҳри худ Самарқанд кӯчида мерафтаед. Гулбаҳор ғам мехураду агар муаллима раванд, тақдири мо чӣ мешавад, мегӯяд.

Духтарам, Самарқанд дур бошад ҳам, шумо кай дилатон хоҳад метавонед барои дидорбинии хешу ақрабо биравед. Вале мо чунин имкон надорем, муаллимони дигарро чун шумо аз куҷо меёбем? Мо қариб шаст сол қабл аз ин аз Тоҷикистон – аз музофоти Тоҷикободи ноҳияи Ғарм ба ин ҷо барои кор ба заводи пахтатозакунии Хайробод омада будем. Ҳамин тавр ҳоло дар ин манзил зиёда аз 200 хоҷагӣ тоҷикон маскан доранд. Пештар рафту омад ба Тоҷикистон осон буд. Ҳама мустақил шуду мо беш аз 20-сол рӯйи Ватани бобоии худро надидаем. Дар ин давр чандин хешону қарибон аз олам гузаштанд. Имкон набуд, то дуое дар сари қабрашон хонем. Чӣ илоҷ, замин сахт осмон баланд. Бесабаб мусофир Ватанро хоб мебинад, намегӯянд. Шумо шукр кунед, ки мисли мо нестед. Кай хоҳед ба Самарқанд меравед. Ман фикр намекунам, касе хотири шуморо озурда бошад. Шумо ба мо азизед. Аз ин рӯ ба ҳеҷ куҷо наравед, дар паҳлӯйи мо бошед. Шумо равед, фарзандони моро кӣ таълим медиҳад?

Он рӯз суҳбати омӯзгор Норбӣ Тоҳирова бо мӯйсафед хеле тӯлонӣ буд. Ҳар ду дарди дил гуфтанд, аз ҳар дар суҳбат оростанд.

Ҳамон сол Гулбаҳор – шогирди муаллима дар озмуни вилоятӣ ҷойи сеюмро ба даст оварда, соли дигар ба Донишгоҳи давлатии Тирмиз дохил шуд. Баъдан онро бомуваффақият хатм кард. Ҳоло ҳамроҳи устодаш дар таълиму тарбияи наврасон саҳм мегирад.

Муаллима банди хаёл буду саломи духтараки қадрасе ӯро ба худ овард.

– Муаллимаҷон, салом! Ба хонаатон рафта будам. Гуфтанд, ки шумо ба мактаб рафтаед. Пагоҳ тӯйи арӯсиам баргузор мешавад. Шумову ҳамсаратонро ба ин хурсандии хонаводаи мо даъват мекунам. Шуморо бесаброна интизор хоҳам шуд.

– Худо насиб карда бошад, албатта меравам,– ҷавоб дод ӯ.

Инро гуфту бо шогирдаш хайру хуш карда, қадаммониашро тезонид. Ӯро шогирдонаш интизоранд. Имрӯз онҳо дар мавзӯи "Ватан" иншо менависанд.



Омӯзгори тоифаи олӣ Норбӣ Тоҳирова, тавре ки дар боло зикр кардем, инак чилу чор сол боз дар маърифатгоҳи рақами 50-уми шаҳраки Хайрободи ноҳияи Деҳнав кору фаъолият дорад. Чилу чор сол – як умри ҷавон. Ӯ дар ин давр ба садҳо шогирдон сабақ дода, онҳоро ба шоҳроҳи ҳаёт гуселонид. Ин мактаб барои ӯ хонаи умеду орзуҳо гаштааст. Омӯзгори хушсалиқа аз он меболад, ки ӯ дар ин маскан роҳи зиндагӣ, бахту иқболи хешро дарёфт. Ин лаҳза боз ҳамон гуфтаҳои мудири шуъбаи маорифи халқи ноҳия, ки чилу ду сол муқаддам ба ӯ ва ҳамсараш изҳор дошта буд, ба ёдаш омаданд. "Дарахт дар як ҷо месабзад ва бор меорад". Чӣ қадар пандомез аст, ин мақоли халқӣ. Ӯ дар ин ҷо бо шавҳари меҳрубонаш Султоналӣ Имомалиев соҳиби як духтар – Таҳмина, ду писар – Ҷаҳонгиру Шерзод шуд, онҳоро хубу нек ба камол расонида, хонадор кард ва ҳоло дар оғӯши наберагон худро момои хушбахт мебинад. Фарзандон низ дар зиндагӣ роҳи мунаввари ҳаёти хешро дарёфтаанд.

**Нуралӣ РАҶАБ.**

*Назар ба мозӣ*

# ДОРУЛМУАЛЛИМИНИ ТОҶИКИИ ТОШКАНД

Дар бораи Институти маорифи тоҷик дар Тошканд (Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд низ гӯянд) пештар низ маводе чоп карда будем. Муаллифи ин сатрҳо дар ин байн, саъй намуд мукаммалтар материал ғун дошта муайян низ кунад, ин боргоҳи маърифат, ки бо омодасозии кадрҳои сазовор дар рушди илм ва таълими тоҷик саҳми муносиб гузошт, дар куҷои Тошканд ҷой гирифта буд. Оиди дар маркази шаҳр, начандон дуртар аз Хиёбони Амир Темур ва аз «корпуси рӯзномаҳо» («Хонаи матбуот»), ки «Овози тоҷик» низ он ҷост, мавқеъ доштани институти зикршуда маълумотҳо ба даст омаданд. Дар сурате, ки тақрибан 90 сол муқаддам гирифта шуда, корпуси академии дорулмуаллимин акс ёфтааст. Дар пештоқи бино бо забони русӣ «Институти маорифи тоҷик ба номи рафиқ Зеленский» сабт гардидааст.

Назар ба маълумоти сарчашмаҳо, Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд соли 1927 кушода шудааст. Овозаҳо дар бораи ташкил ёфтани аввалин институти тоҷикӣ дар Осиёи Миёна (дар баъзе манбаъҳо он «техникуми педагогӣ» низ қайд ёфтааст) дар мавзеъҳои тоҷикнишин паҳн ва қалби ҷавонони ташнаи илмро ба тапиш андохт. Онҳо аз ҳар гӯшаю канори ҷумҳурии мо ба Тошканд роҳ пеш гирифтанд, ҳамчунин аз Тоҷикистони бародарӣ, ки он вақт чун ҷумҳурии автономӣ дар таркиби Ӯзбекистон қарор дошт. Институт ҳамагӣ чанд сол фаъолият бурду халос, вале дар таърихи таълим ва маорифи халқи тоҷик тавре ишора рафт, нақши носутурданӣ гузошт. Аксарияти хатмкардагони бо асосҳои дониш мусаллаҳ, кадрҳои ҳарҷониба муносиб дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ шуданд, ҳатто шахсиятҳои номдор дар ду ҷумҳурӣ қарор гирифтанд. Бигирем, шоири шаҳири тоҷик Мирзо Турсунзодаро. Агар шумо филми «Ҳасани аробакаш»-ро дида бошед, яке аз персонажҳо (прототипи он Мирзо Турсунзода, нақшро Маҳмудҷон Воҳидов бозидааст) аз Душанбе то Тирмиз бо аробаи Ҳасан меояд, аз он ҷо ба Тошканд тавассути поезд раҳсипор мегардад. Манзараҳои Ӯзбекистон басо табиӣ ва муассир тасвир ёфтаанд дар «Ҳасани аробакаш». Тошканд Мирзои он вақт ҷавонро ба бар гирифт, дорулмуаллимини тоҷикӣ дари худ боз кард.



М.Турсунзода, тавре аз тарҷумаи ҳолаш пайдост, қабл аз ба Тошканд омадан аз Ҳисор рӯ ҷониби Душанбе оварда, дар мактаб-интернат таҳсил гирифта буд. Дар ин маскан асосан онҳое мехонданд, ки аз волидони худ ҷудо шуда ё бепарастор монда, азоби нодориву бекасӣ мекашанд. Онҳо бо тамоми ҳастӣ мехонданд, бо шавқу рағбати бепоён аз асрори илму фан воқиф мегаштанд, қариб ҳамаи тарбиятгирандагон аълохон буданд.

Зодаи Самарқанд Мулло Эркаев (таърихнигори номӣ) низ дастпарвари ҳамин мактаб-интернат, ки бо Турсунзода ҳамроҳ мехонд. Шарикдарсони онҳо Аваз Юсуфов, Усмон Қурбонов, Салоҳ Муҳаббатов, Сафар Салимов, Нурхон Сафаров, айни замон, бо аълохонӣ ҷудо шуда меистоданд. Бо даъвату илқои устодони мушфиқ қариб ҳамаи аълохонҳои интернат (онро сағирхона низ меномиданд) аз Душанбе ба Тошканд рафтанд, бо нияти таҳсил дар дорулмуаллимини тоҷикӣ. Сағирхона дар Душанбе биное буд кӯҳна ва бомаш қамишпӯш. Вале дорулмуаллимин дар Тошканд бинои хиштии замонавии бисёрошёна. Равшан ва барҳаво. Барои таҳсил шароит фароҳам. Тоҷикбачагонро ин рӯҳ мебахшид. Водор месохт аз пештара ҳам хубтар хонанд. Ба онҳо устодон, ки намояндагони миллатҳои гуногун буданду педагогҳои ҳушманд, дарси маънӣ меомӯхтанд.

Академики Академияи илмҳои собиқ иттиҳод, Ходими хидматнишондодаи илми Тоҷикистон Мулло Эркаев, ки номаш дар боло зикр гашт, дар хотираҳои худ қайд кардааст: «Соли 1927 дар Тошканд кушода шудани Институти маорифи тоҷикон дар таърихи маданиятамон саҳифаи тоза буд. Ман ҳам дар қатори як гурӯҳ мактаббачагони сағирхонаи Душанбе ба ин институт дохил шудам».

Мулло Эркаев (1910-1996) зодаи деҳаи Сайроби ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарёст. Вай соли 1929 баъди хатми Дорулмуаллимини Тошканд ба Душанбе роҳхат гирифт, чанд муддат муаллимӣ ва соли 1939 факултаи таърихи ДДОД-ро низ ба итмом расонд. Доктори илмҳои таърих, профессор М.Эркаев дар рушди илм ва фани Тоҷикистон хидмати сазовор кард.

Дар сафи таҳсилкардагони Дорулмуаллимини Тошканд ба номи Абдураҳмон Бухоризода, айни замон, дучор меоем, ки зода ва парвардаи Самарқанд аст. Доктори илмҳои филологӣ А.Бухоризода (1910-1987) курси дусолаи муаллимтайёркунӣ дар Самарқандро фаро гирифта буд. Баъдтар ба Тошканд рафт, аз қатори аввалин донишҷӯён дар Дорулмуаллимини тоҷикӣ ҷой гирифт, соли 1928 ин даргоҳи маърифатро хатм намуд ва ба Душанбе рафт. Солҳои дароз дар Институти забон ва адабиёти АФТ, кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Душанбе чун муҳаққиқ ва омӯзгор фаъолият намуд. «Саргузашти калима»-ҳо ном асари тадқиқотиаш ҳанӯз китоби рӯимизӣ барои онҳоест, ки таваҷҷӯҳ ба филологияи тоҷик доранд. Зимнан, Абдураҳмон Бухоризода дар тадвину таҳрири дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ», айни замон, хидмати калон кардааст.

Аввалин генерали тоҷик Мастибек Тошмуҳамедов (1908-1988) низ аз хатмкардагони Дорулмуаллимини зикршуда мебошад. Вай баъди гирифтани дипломи ин даргоҳ ба Кӯлоб роҳхат гирифт, солҳои 1932-1934 чун котиби аввали кумитаи ҷумҳуриявии комсомол фаъолият бурд. Чун шахси алоқадор ба Шириншо Шотемур, ки ба табъид дучор гашт, як муддат таъқиб гашт, вале рӯҳафтода нашуд. Баъди сафед шудан, ба соҳаи артиш ҷалб ва соли 1987 Комиссари ҳарбии Тоҷикистон таъин гардид. Шахси ҳарбӣ бошад ҳам ба адабиёт ва эҷод, ки аз хурдсолӣ шавқ дошт, робитаро канда накард. Ходими хидматнишондодаи маданияти Тоҷикистон, ҳамзамон узви Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон (СССР) буд.

Нависандаи маъруфи тоҷик, аъзо-корреспонденти АУ Тоҷикистон Сотим Улуғзодаро низ Дорулмуаллимини Тошканд тарбият кардааст. Вай ин даргоҳро соли 1929 хатм карда, ба Тоҷикистон рафтааст. Баробари наср ва драматургия устод С.Улуғзода дар тараққии журналистика, адабиётшиносӣ ва филмографияи тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Дар қиссаи ёддоштиаш «Субҳи ҷавонии мо» воқеаи хонданравиаш ба Тошканд низ тасвир ёфта ва вай бо чӣ азоб аз Намангон ба шаҳри азим омадан, дар ин ҷо ба таҳсил фаро гирифта шуданашро таъсирбахш нақл кардааст. Повест ба ӯзбекӣ тарҷума ва мавриди таваҷҷӯҳи Ӯткир Ҳошимов ҳам мегардад, ки он вақт хеле ҷавон буд. Адиби ӯзбек дар хотироташ нигошта: «Сонитар дарак ёбам, ман ба давраи ҷавонии пур аз ошӯбу такопуӣ адиби барҷастаи тоҷик Сотим Улуғзода шинос шуда будаам».

Дастпарварони боргоҳи шарофатманди зикршуда академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, чеҳраҳои намоёни илм Набиҷон Поччонов, Неъмат Эркаев низ ба шумор мерафтанд, ки номашон дар Тоҷикистон маълум ва машҳур. Донишҷӯён баробари ҷиддан хондан дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамуданд. Фориғ аз таҳсил дар ғунучини пахтаю меваҷот ба деҳқонон кӯмак мекарданд. Дар корҳои тарбияи сиёсӣ ва маърифатӣ ба ташкилотҳои маҳаллӣ такягоҳ буданд.

Давраи басо мушкилу мураккаб будани он солҳо аз таърих маълум. Чун дар тамоми мамлакат зиндагӣ ва маишати донишҷӯёни тоҷик бисёр сахт буд. Аммо онҳо душвориҳоро бо иродаи қавӣ рафъ месохтанд. Рӯзона хонда, шабона мардикорӣ менамуданд. То ин ки 400 грамм нони иловагӣ гиранд, баъзеҳо шом то субҳ дар заводи пахтаи Тошканд меҳнат мекарданд.

Он вақтҳо Тошканд якчанд маҳалҳои тоҷикнишин дошт. Сокинон асосан кӯҳистониёне, ки бо сабаби душвории зиндагӣ замонҳое ба Тошканд кӯч баста буданд. Донишҷӯён зуд-зуд назди ҳамзабонон рафта, аз солимиашон ҷӯё мешуданд.

Дар институт беҳтарин омӯзгорони он давр дарс медоданд. Қисми зиёди муаллимони фанҳои физика, химия ва математика русҳо буданд. Аз адабиёти тоҷик як муддат Шарифҷон Ҳусейнзода лексия хондааст. Вақте устодони адабиёти тоҷик Айниву Лоҳутӣ ба Тошканд омаданд, ҳатман ба институт ташриф оварда ва дар чорабиниҳои маърифатӣ ширкат меҷустанд. Солҳои 1929-1930, вақте дар Душанбе курсҳои яксолаи муаллимтайёркунӣ ташкил ёфтанд, донишҷӯёни курсҳои болоии Институти маорифи тоҷики Тошканд ба пойтахти ҷавони тоҷикон сафарбар гардиданд.

Бинои Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд дар кадом кӯча ҷой гирифта буд?

Дар собиқа Пролетарский мегуфтаанд он кӯчаро. Баъдтар Энгелс ном гирифт. Ҳоло кӯчаи Ислом Каримов аст. Замонҳое дар муқобили корпуси академии институти зикршуда заводи «Фотон» ҷой гирифта буд. Баъдтар маъмурияти заводи электротехникии «Фотон» ба он кӯчид. Кӯчаҳои Мовароуннаҳр ва Амир Темур низ ба «Фотон», ба корхонае, ки як вақтҳо дар ҷойи он Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд қарор дошт, пайвастаанд.

**М. ШОДИЕВ.**

*30 июн – Рӯзи ҷавонони Ӯзбекистон*

# ЭҲЁГАРОНИ ДАВРОНИ НАВ

Насли ҷавон нерӯи бузурги ҳар як давлату ҷомеа ба шумор меравад, зеро онҳо табақаи нируманду мустаҳкам ва пайвандгари наслҳо мебошанд.

Воқеан, бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев ва ҳукумати кишвар ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон аҳамияти алоҳида дода мешавад. Дар мамлакат "Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ" номгузорӣ шудани соли ҷорӣ низ гувоҳи гуфтаҳои болост. Президент Ш.Мирзиёев дар Мурожиатномаи худ ба Олий Маҷлис қайд карда буд: "Дар масъалаҳои тавсеа ва афзоиши минбаъдаи самаранокии ислоҳоти худ мо ҷавонони серғайрат, ташаббускор, ҳамаҷониба рушдёфтаи дорои дониш ва малакаҳои муосирро такягоҳи худ мешуморем. Мо дар назди худ як ҳадафи бузург – ташаккули заминаи Эҳёи нав дар кишварамонро гузоштем ва бо ин мақсад бояд барои тарбияи Хоразмӣ, Берунӣ, Ибни Сино, Улуғбек, Навоӣ ва Бобурҳои нав муҳит ва шароит фароҳам оварем". Ногуфта намонад, ки бинобар он муҳит ва шароитҳое, ки бо ташаббуси Президент дар мамлакат фароҳам оварда мешаванд, имрӯз ҷавонони Ӯзбекистон дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт худро нишон медиҳанд, дар қатори ҷавонони кишварҳои мухталифи ҷаҳон ном ва парчами Ӯзбекистонро баланд мебардоранд. Бозсозиву созандагӣ, ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ нисбат ба эҳёгарони давраи нави кишварамон, яъне мо – ҷавонон ба амал татбиқ карда мешаванд, аллакай самара медиҳад. Гуфтан ҷоиз аст, ки имрӯз дар мамлакат эътибор ба наврасону ҷавонони Ӯзбекистони нав аз давраи мактабхонӣ хеле густариш ёфтааст. Ҷавонони соҳибистеъдод маҳз дар ҳамин давра кашф мегарданд. Бинобар таъкиди Сарвари давлат ғояи "Ӯзбекистони нав аз остонаи мактаб, аз низоми таълиму тарбия шурӯъ мешавад". Зеро маҳз кӯдакистон, мактаб ва донишгоҳҳои мамлакат, ки дар онҳо ба таълим ва тарбияи босифати насли наврас ва ҷавонон эътибори зиёд дода мешавад, дар оянда, албатта ҷавонони ҷисмонан солим ва маънан комил чун ватанпарварони ҳақиқӣ ба воя мерасанд, соҳиби тафаккуру ҷаҳонбинӣ, сифатҳои беҳтарини инсонӣ мегарданд. Бояд гуфт, ки панҷ ташаббуси муҳими Сарвари давлат, ки алҳол дар тамоми муассисаҳои таълимии кишвар татбиқ мегарданд, барои рушд ва инкишофи қобилияту истеъдоди наврасону ҷавонон, кашфи ҷавонони соҳибистеъдод ва ихтироъкор саҳми арзанда мегузорад. Насли ҷавони имрӯз метавонанд аз даврони мактабӣ қобилият ва истеъдоди худро мувофиқи ин панҷ ташаббус сайқал дода, маҳораташонро нишон диҳанд.

Алҳол дар тамоми шаҳру ноҳия ва вилоятҳои мамлакат ба мақсади муттаҳид кардани ҷавонон ва бунёд намудани Ӯзбекистони нав чорабиниву ҷашнвораҳои зиёд баргузор мешаванд. Ҷашнвора таҳти унвони "Ҷавонони Ӯзбекистони нав, боҳам бошем" аз зумраи иқдомҳоест, ки рӯзҳои охир дар сартосари кишвар ҷавононро зиёдро дар атрофи худ муттаҳид кард, онҳоро дар рӯҳи садоқат ба Ватан, ғояҳои истиқлолият, ватандӯстӣ, ҳифз намудани муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолият даъват намуд. Ҳоло ҳар кадоми мо – ҷавонон бояд донем, ки дар рушду пешрафти кишвари маҳбубамон саҳмгузорем ва набояд дар кори бунёди Ӯзбекистони нав дар канор бошем.



*Бо мақсади тарғиб намудани тарзи ҳаёти солим ва дар доираи "Моҳонаи ҷавонон" бахшида ба 30-июн – Рӯзи ҷавонони Ӯзбекистон бо ташаббуси Шӯрои Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон дар ноҳияи Бӯка ва шуъбаи таълими халқи ноҳия дар байни роҳбаладони ҷавонон мусобиқаи волейбол баргузор шуд. Мусобиқае, ки дар толори варзишии мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 5-уми ноҳия гузаронда шуд, 4 ҷамоаи роҳбаладон барои пирӯзӣ талош варзиданд. Дар охири мусобиқа дастаи "Ҷавонони ташаббускор" ҷойи якумро ба даст оварданд. Ғолибон ва иштирокдорони мусобиқа аз ҷониби Шӯрои ноҳияи бӯкагии Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон бо диплом ва тӯҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонда шуданд.*

***Дар сурат:** лавҳа аз мусобиқаи мазкур.*

***Суратгир: Қ. КАРИМОВ.***

**Меҳровар МИРМАҲМАДОВ,**
**роҳбаладি ҷавонони мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 43-юми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.**

